**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Убайдзода Қандили Нусрат дар мавзӯи «Фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ дар асоси равиши кластерӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (саноат)**

Рушди иқтисодиёти муосир равишҳои гуногуни суръат бахшидан ба фаъолияти сармоягузориро тақозо менамояд, ки ҳар яке дар шароити хос аз самаранокии муайян бархурдор мебошанд. Истифодаи ин ё он равиши суръат бахшидан ба фаъолияти сармоягузорӣ аз шароитҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҷуғрофӣ, сатҳи инкишофи технологӣ, сатҳи махсусгардонӣ, равандҳои ҳамгирой ва амсоли он вобаста мебошад.

Тадқиқотҳои дар давоми 5 соли охир иҷронамудаи Убайдзода Қ.Н. дар ин бора шаҳодат медиҳад. Муаллиф нисбат ба ҳамаи равишҳои суръат бахшидан ба фаъолияти сармоягузорӣ аз назари интиқод чашм андохтааст. Хулосаи мухтасари ӯ оиди равишҳои зикршуда дар он аст, ки фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар асоси равиши кластерӣ устувор гардида, ташкили кластерҳои саноатӣ чун гурӯҳи ба ҳам алоқаманди ширкатҳои таъиноташон мухталиф, вале бо мақсади ягона муттаҳидшуда, метавонад омили муҳими суръат бахшидан ба фаъолиятҳои сармоягузорӣ ҷиҳати истеҳсоли молу хадамот ва ташкили ҷойҳои кории маҳсулнок гардад.

Қобили қайд аст, ки фаъолияти сармоягузории ширкатҳои алоҳида низ дар мавриди худ боиси ба тавр табиӣ ташаккул ёфтани кластерҳои саноатӣ шуда, баромад мекунанд. Аз ин лиҳоз метавон бо дилпурӣ гуфт, ки муаллифи автореферат Убайдзода Қ.Н. дар як замон тавонистааст, ки фаъолияти сармоягузорӣ ва ташккулёбии кластерҳои саноатиро ҳамчун ду раванди бо ҳам алоқаманд ва мутақобилан судманд таҳлилу таҳқиқ намояд.

Бидуни шубҳа дар автореферат баъзе аз чунин нуқсонҳо низ вомехӯранд:

1. Новобаста аз он, ки корхонаҳои муштараки саноатӣ беш аз ҳама дар раванди ҷалби сармояи хориҷӣ саҳми муассир доранд, муаллиф ба таҳлили фаъолияти онҳо ба таври мустақим намепардозад;

2. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ низ вомехӯранд.

Ин нуқсонҳо ба мазмуни асосии автореферат ва диссертатсияи Убайдзода Қ.Н. таъсири манфӣ намерасонанд. Муаллиф тадқиқоти хеле намоёнро иҷро намудааст ва сатҳи илмию назариявии чунин тадқиқот хело баланд мебошад. Дар фишурдаи автореферати диссертатсия маводҳое оварда шудаанд, ки то ин замон дар адабиётҳои иқтисодӣ ба чашм намерасанд. Бинобар ҳамин Убайдзода Қ.Н. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (саноат) мебошад.

Тақриздиҳанда,
Декани факултети иқтисодии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,
номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсент Мирзоев Б

Суроға:734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146
тел: +992919028848
E, mail: bobojon.@mail.ru

Имзои н.и.и., дотсент Мирзоев Б – ро
тасдиқ менамоям: Сардори шӯъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Зуҳуров З.Г